Тақризи

**муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Истилоҳ дар қатори калимаҳои муқаррарии забон мавқеи муайянеро ишғол намуда, бо баъзе аз хусусиятҳои корбурдии худ фарқ мекунад. Мавзуи таҳқиқу муқоисаи анвои мухталифи истилоҳот кайҳо боз таваҷҷӯҳи суханшиносонро ҷалб карда бошад ҳам, то ба ҳол гунаву шакли муайяни тоҷикии истилоҳи бегона вуҷуд надорад ва истилоҳшиносонро зарур аст, ки тарҷумаи дурусти онро пайдо намуда, ба кормандони соҳа пешниҳод намоянд.

Диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна ба яке аз проблемаҳои умдаи забоншиносии муқоисавӣ – таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикиву олмонӣ бахшида шуда, як саҳифае наверо дар пажӯҳиши истилоҳшиносӣ мемонад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бо мақсади муайян намудани вижагиҳои сохторӣ, маъноӣ ва луғавӣ бори аввал аз нигоҳи муқоиса таҳлилу баррасӣ мешавад. Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ ба ҳалли масъалаҳои мухталифи низоми луғатшиносии забонҳои ҷудогона мусоидат менамояд.

Омӯзишу таҳқиқи истилоҳоти забоншиносӣ ҳамчун як низоми мураккаб дар марҳалаи кунунии рушди забоншиносӣ аҳаммияти хосса дошта, тавсифи фарозабон, таҳлили равияҳо ва мафҳумоти истилоҳоти илми забоншиносӣ хеле муҳим аст ва ин сабаби зарурати интихоби мавзуи мазкур гардидааст.

Дар доираи таҳлили муқоисавии истилоҳоти забоншиносии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ як қатор **мақсаду вазифаҳо** пеш гузошта шудаанд, аз ҷумла, муқаррар намудани аломатҳои асосии истилоҳоти забоншиносӣ, таснифи сохтории истилоҳоти забоншиносӣ, гурӯҳбандӣ ва таҳлили ҷузъҳои таркибии онҳо, сарчашмаҳои ташаккул ва такомули истилоҳоти забоншиносӣ ва роҳҳои иқтибосшавии онҳо, сермаъноӣ, ҳамгуншавӣ ва муродифу мутазодшавии истилоҳоти забоншиносӣ, ки ҳаллу фасли онҳо, дар умум, фарогири ҳадафи умумии пажуҳиш, яъне таъйини хосиятҳои типологии истилоҳоти забоншиносии забонҳои муқоисашаванда мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он аст, ки дар диссертатсия бори аввал истилоҳоти забоншиносии забонҳои тоҷикиву олмонӣ аз нигоҳи сохтор ва

маъно таҳлилу муқоиса гардида, монандӣ, умумият ва тафовути онҳо муайян карда мешаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии он метавонад, дар таҳқиқи минбаъдаи низоми луғатшиносии оилаи забонҳои эронӣ ва германӣ истеъмол гардад, маводҳои гирдовардашуда дар таҳияи фарҳангҳои истилоҳоти дузабонаву бисёрзабона корбурд гардида, ниҳоят, таҳлилу хулосабарориҳои таҳқиқот дар грамматика, таълим ва омӯзиши курси махсуси истилоҳшиносӣ ва типологияи муқоисавӣ дар факултаҳои филологии мактабҳои олии кишвар мавриди истифода қарор гирад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D.KOA - 068 – Забоншиносӣ ва ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ, муқоисавӣ мутобиқ мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст. 21 адад замимаи истилоҳ-ибораҳои тибқи намунаҳои қолабҳо дар забонҳои муқоисашавандаи дар диссертатсия овардашуда аз таҳлили чуқур ва меҳнату заҳмати муаллиф шаҳодат медиҳад.

**Муқаддимаи диссертатсияи** мазкур ҳамаи бандҳои заруриро фаро гирифтааст. Диссертант мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро шарҳ дода, дараҷаи омӯзиши он, ҳадафу вазифа ва навоварии таҳқиқот, арзиши назариявию амалӣ, методу усулҳои таҳқиқ нишон дода шуда, масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, мушаххас гардидааст.

Боби якум **«Таҳлили муқоисавии истилоҳоти овошиносии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ»** номгузорӣ шуда аз чор фасл иборат мебошад.

Фасли якуми боби якум «**Мавқеи истилоҳоти забоншиносӣ дар таркиби луғавии забонҳои таҳқиқшаванда**» ном дошта, он ба масъалаҳои назарии омӯзиши истилоҳ ва шарҳи он аз нигоҳи луғатнигорони маъруф Э. Литтре (E. Littre), О. Блох (O. Bloch), В. фон Вартбург (W. von Wartburg), П. Роберт (P. Robert) ва А. Д. Хаютин бахшида шудааст.

Ҳар як фасли диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои мушаххаси илмӣ таҳия гардида, муаллиф таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти овошиносиро гузарондааст. Яъне, онҳоро нахуст ба содаву сохта ва баъдан ба мураккабу таркибӣ гуруҳбандӣ намуда, хусусиятҳои умумӣ, монанд ва тафовутнокии истилоҳотро муайяну мушаххас кардааст. Дар баъзе ҳолатҳо муҳаққиқ аз фарҳангу вожаномаҳои решашиносии забонҳои тоҷикиву олмонӣ низ истифода намудааст, ки ин шеваи пажӯҳиш на дар ҳама пажӯҳишҳои типологӣ мушоҳида мешавад. Дар бархе аз фаслҳои боби мазкур муаллифи диссертатсия вандҳои истилоҳсози забонҳои

муқоисашавандаро муайян намуда, сермаҳсуливу каммаҳсулии онҳоро низ ошкор сохтааст.

Боби дуюми диссертатсия – **«Таҳлили сохторию-маъноии истилоҳоти мансуб ба сарф дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ»** ном дошта, муаллиф дар он истилоҳоти сарфро аз нигоҳи муқоисаву муқобала таҳлилу баррасӣ намудааст. Боби мазкур аз се фасл ва фасли сеюм аз шаш зерфасл иборат аст.

Муаллифи диссертатсия, нахуст, истилоҳоти сарф ё худ морфологияро вобаста ба мансубияташон ба ҳиссаҳои мухталифи нутқ гурӯҳбандӣ намуда, баъдан, хусусиятҳои корбурдии онҳоро таҳлили амиқи илмӣ кардааст. Яке аз бартариятҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки муҳаққиқ истилоҳоти морфологияро аз лиҳози сохтор ба якҷузъаву бисёрҷузъа ва содаву сохта ва мураккабу таркибӣ дастабандӣ карда, хусусиятҳои типологии онҳоро ошкор сохтааст. Ба андешаи муаллиф нақши усули истилоҳсозии сарфӣ дар муқоиса бо дигар тарзу шеваҳои истилоҳсозӣ дар ташаккули истилоҳоти забоншиносии забонҳои фавқуззкир бағоят калон аст, зеро миқдори вандҳои истилоҳсози ҳарду забон ҳам сершумор буда, сермаҳсуливу каммаҳсулии онҳо муайян гардидааст.

Дар раванди таҳлили луғавию маъноии истилоҳоти ҳар ду забон маълум гардид, ки падидаи сермаъношавӣ, ҳамгуншавӣ, муродифшавӣ ва мутазодшавии ба истилоҳоти забоншиносӣ хос будааст, масалан, падидаи сермаъноӣ дар мисоли истилоҳҳои *«замон – Zeit», «зарф – Adverb»; «намуд – Aspekt», «Genus – тарз», «Deklination – тасриф», «Substantiv – исм»; падидаи ҳамгуншавӣ дар мисоли истилоҳоти «шахс – Person», «ҷинс – Geschlecht»; пайвандак – Konjunktion, дараҷа – Stufe, шумора – Zahl; падидаи муродифшавӣ дар мисоли истилоҳоти «морфология – сарф, масдар – инфинитив, забоншиносӣ – лингвистика» ва падидаи мутазодшавӣ дар мисоли истилоҳоти: «феъл – Verb: гузаранда – монда – transitiv – intransitiv, фоил – мафъул – Aktiv – Passiv; Artikel – артикл: bestimmt – unbestimmt – муайянӣ – номуайянӣ, Substantiv/Hauptwort – исм: belebt – unbelebt – ҷондор – беҷон, deklinierbar-undeklinierbar – тасрифшаванда – тасрифнашаванда, Eigenname – Gattungsname – хос – ҷинс, шумора – Zahl: Singular – Plural – танҳо – ҷамъ»* мушоҳида намуд.

Боби сеюм – **«Таҳлили луғавию маъноии истилоҳоти мансуб ба наҳв дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ»** номгузорӣ шуда, аз шаш фасл иборат аст. Дар боби мазкур хусусиятҳои луғавию грамматикии истилоҳоти синтаксис ба маҷрои таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф онҳоро нахуст ба содаву сохта ва баъдан ба мураккаб гуруҳбандӣ намуда, хусусиятҳои умумӣ, монандӣ ва тафовутнокии истилоҳотро муайяну мушаххас кардааст, қолабҳои фаъоли забонҳои тоҷикӣ ва олмониро ошкор кардааст.

Пайдост, ки дар ҳар ду забон ҳам воҳидҳои асосии нахв – калима, ибора ва ҷумла ба шумор меравад. Ба вомвожаҳои тоҷикӣ, пеш аз ҳама, калимаҳои иқтибосии забонҳои арабӣ ва русӣ, ба иқтибосоти забони олмонӣ калимаҳои иқтибосии забонҳои лотинӣ, юнонӣ, фаронсавӣ ва италиявӣ мансубанд.

Муаллифи диссертатсия, ҳар як истилоҳи наҳви забонҳои таҳқиқшавандаро нахуст аз нигоҳи сохтор ва баъдан хусусиятҳои луғавию маъноии онҳоро ошкор намуда, бо хулосаву бардоштҳои мушаххас бобро ҷамъбаст намудааст.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси муаллиф ба анҷом расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки проблемаҳои илмии дар диссертатсия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ диссертант натиҷаҳои асосии таҳқиқотро аз ҷиҳати илмӣ ҷамъбаст намуда, миқёс ва самтҳои асосии таҳқиқотро нишон додааст. Мутолиаи хулосаи таҳқиқ далели он аст, ки дар ҳақиқат, муаллиф ба мақсад ва вазифаҳои дар пеши худ гузошта ноил гаштааст.

Дар фарҷоми диссертатсия тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудаанд.

Ба ҳамаи дастовардҳо нигоҳ накарда, баъзе камбудиву хатогиҳо ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кор хоҳад буд:

1. Дар бахши таҳлили сохтории истилоҳот забоншиносӣ (овошиносӣ, сарф, наҳв) муаллиф бештар ба якҷузъаву бисёрҷузъа будани истилоҳот такя намуда, бар мабнои кадом усулҳои истилоҳсозӣ ташаккул ёфтани истилоҳоти сохтаву мураккаб ва таркибӣ аз назари эшон дур мондааст. Хуб мешуд, ки муаллиф дар асоси кадом усули истилоҳсозӣ созмон ёфтани истилоҳотро қайд мекард.

2. Агар хусусиятҳои фарққунандаву шабоҳатнок ва умумии истилоҳоти таҳқиқшавандаро дар шакли ҷадвал дар ҳар як боби диссертатсия ҷой медод хуб мешуд.

3. Таҳлилу баррасии баъзе аз мақолаҳои суханшиносони тоҷик, ки роҷеъ ба истилоҳоти забоншиносии тоҷик таълиф гардидаанд, аз назари муаллиф дур мондааст, ба монанди мақолаҳои Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, М. Шукуров ва диг.

4. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия шарҳу тавзеҳи истилоҳҳо такрор омадаанд (саҳ. 24, 35, 107).

5. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба чашм мерасад.

Новобаста аз ин, эродҳои мазкур қимммати илмию амалии диссертатсияро коста намегардонанд ва онҳо ислоҳпазир буда, дар таҳия ва нашри монография ба инобат гирифта мешаванд. Диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна таҳқиқоти илмии комилро мемонад, ки дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шудааст. Натиҷаҳо ва хулосаҳои ба дастовардаи муаллиф

боваринок, хулоса ва тавсияҳои манзургардида асоснок мебошанд.

Нуктаҳои асосӣ ва мазмуну мундариҷаи таҳқиқ дар 22 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 фарҳанг ва 1 китоби дарсӣ чоп шудаанд. Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф мӯҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсияи мазкур барои хондани курси «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ», «Луғатшиносӣ», «Забоншиносии шинохтӣ» мусоидат менамояд.

Вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳаммияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи
забонҳои Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ Бобоева Мадина Маруфовна

Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони
академикҳо Раҷабовҳо 10а
Тел.: +992 81881470
e-mail: madiba82@mail.ru

Имзои М. М. Бобоеваро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ Қодирзода Неъматулло Ҳабиб

«7» 02 2024